PIAS

# Тавсиянома барои фермерон

Ҷилди.17



ПАРВАРИШИ **Офтобпараст**

Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастурамали мазкур дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ (JICA), «Беҳтар намудани хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мустаҳкам намудани ташкилотҳои кишоварзӣ дар Тоҷикистон» таҳия ва нашр карда шуд.

Ҳуқуқи муаллифиро ба ин дастурамал танҳо Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дорад.

Ҳангоми истифода бурдан ва ё аз нав чоп кардани қисми мавод номи JICA бояд дарҷ карда шавад.

**Муаллифон:**

Маҳмадёров Усмон -доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор
Ҷаборов Таваккал -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент
Шарипов Нурулло -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент
Рашидов Қаҳрамон -номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент

**Мушовирон:**

Масаказу Канамото, Такеши Абе, Хироши Кикучи, Туракул Муродов

**Душанбе – 2012**

# МУНДАРИЧА

Маълумоти умумӣ / Хусусиятҳо ........ 1
Навъҳо ........ 1
Киштгардон ........ 2
Нақшаи мавсимӣ барои кишт ........ 2
  Тақвим ........ 2
  Тайёр намудани замин ........ 3
  Тайёр намудани тухмӣ ........ 3
  Кишт ........ 3
  Нигоҳубин ........ 4
    Парвариш ва нигоҳубин (Нуридиҳӣ) ........ 4
    Шудгор ........ 5
Ҳосилчамкунӣ ........ 5
Касалиҳо ва хашаротҳо ........ 5

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ / ХУСУСИЯТҲО

Офтобпараст зироати муҳимтарину пурқиммати равғандор буда, асосан барои дони серравғанаш парвариш карда мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои Иттиҳодияи илмию истеҳсолии «Зироаткор»-и ба номи академик А.Н.Махсумов дар ҳолати риояи дурусти агротехникаи парвариш, офтобпараст метавонад дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор то 350с/га ва дар заминҳои лалмии аз боришот нимтаъмин то 200-250 с/га баргу пояи сабз диҳад. Хоҷагиҳои пешқадами ноҳияи Данғара ва Темурмалик аз ҳар як гектар 260-300 сентнер баргу пояи сабз мегиранд. Аз заминҳои лалмии бо боришот таъмин 8-10 с/га ҳосили дон гирифтан мумкин аст.

Офтобпараст зироати ба хушкӣ тобовару гармӣ ва рӯшноидӯсти кӯтоҳрӯз аст. Ҳангоми дар чуқурии ҷойгиршавии тухмӣ ба $6^0$ С гарм будан ба нешзанӣ сар мекунад. Барои ниҳолҳои он сармои то - $6^0$ С-ро ба осонӣ аз сар мегузаронанд. Дар давраи нашъунамояш ҳарорати 20-$25^0$ С мӯътадил аст. Барои инкишофи пурраи растанӣ (аз нешзанӣ то давраи пурра пухтани тухми офтобпараст) 2200-$2600^0$ С ва аз давраи нешзанӣ то пазиши силосӣ 1600-$2000^0$ С ҳарорати самаранок лозим аст.

Давраи хатарнок барои офтобпараст ҳангоми обталабӣ дар давраҳои аз пайдошавии сабадча (корзинка) то гулкунӣ мебошад. Пояи мӯякдор ва баргҳо растаниро аз ҳавои тафсону гармсел ҳифз мекунанд. Бинобар ин офтобпараст ба хушкии хокию ҳавоии заминҳои лалмӣ тобовар аст. Захираи об дар чуқурии 1.5-2 м дар доираи 70-75 фоиз аз НК (намнокии камтарин) ҳосилнокии онро баланд мекунад

Вобаста ба навъҳо ва шароити парвариш давраи пурраи нашъунамои офтобпараст барои тухмӣ дар киштҳои баҳорӣ 100-140 рӯз ва барои силос дар давраи гулкунии сабадачаҳо 80-110 рӯз тӯл мекашад.

## НАВЪҲО

Дар Тоҷикистон барои силос навъи равғании офтобпараст «Саратовии 169» парвариш карда мешавад. Ин навъ ба хушкӣ тобовар буда, ба заминҳои лалмӣ мутобиқ аст.

## КИШТГАРДОН

Киштгардон дар вақте натиҷаи хуб медиҳад, ки аз рӯи нақша ва тартиби муайян ҷорӣ карда шавад. Бо навбат кишт намудани зироатҳо ба эрозия тобоварӣ, хатари обшуӣ ва бодхурдани хокро бартараф менамояд. Ҳангоми кишти мунтазами як зироат алфҳои бегона ва касалиҳои мутобиқи зироатҳо паҳн ва зиёд мешавад

Дар киштгардонҳои заминҳои лалмӣ офтобпараст дар майдони коркардашаванда пас аз зироатҳои ғаллагии хӯшадорон, лӯбиёдонагиҳо (нахӯд, наск) кишт карда мешавад. Барои боздории паҳншавии алафи бегонаи карантинӣ - гули харбуза тавсия мешавад, ки офтобпараст дар киштзори аввалааш танҳо баъди 6-7 сол такроран кошта шавад. Инчунин коштани он баъди зироатҳои полезӣ ва тамоку мумкин нест.

**Ҷадвали киштгардон барои кишти офтобпараст (6 қитъагӣ)**

| Сол | Қитъаи замин | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | Офтобпараст | гандум | Нахуд | Гандум | Гандум | Наск |
| 2 | Наск | Офтобпараст | Гандум | Нахуд | Гандум | Гандум |
| 3 | Гандум | Наск | Офтобпараст | Гандум | Нахуд | Гандум |
| 4 | Гандум | Гандум | Наск | Офтобпараст | Гандум | Нахуд |
| 5 | Нахуд | Гандум | Гандум | Наск | Офтобпараст | Гандум |
| 6 | Гандум | Нахуд | Гандум | Гандум | Наск | Офтобпараст |

## НАҚШАИ МАВСИМӢ БАРОИ КИШТ

### ТАҚВИМ



Мӯҳлати кишти баҳории офтобпараст ба мӯҳлати кишти зироатҳои аввали баҳорӣ рост меояд. Дар чуқурии ҳарордошти тухмӣ аз 4-5 то 6-7 дараҷаро талаб мекунад (масалан, зироатҳои хӯшадор – гандум, ҷав, сулӣ ва зироатҳои лубиёгӣ – наск, мушунг ва зироатҳои равғандор – зағир, офтобпараст). Дар водию ноҳияҳои наздикӯҳӣ кишт пеш аз зимистон ё дар зимистон гузаронида мешавад, ки аввали баҳор аз намии хок самаранок истифода бурда, 25-30 рӯз пеш нисбат ба киштҳои баҳорӣ нашъунамо карда, самараи хуб медиҳад. Дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин киштҳои пеш аз зимистон (охири тирамоҳ) гузаронида, дар шароити заминҳои обёришаванда бо усули васеъҷӯяк (байни қаторҳояш 45см) коштан, дар ҳар як метр 5-6 растанӣ гузоштан, ҳосилнокии офтобпарастро афзун мекунад. Дар заминҳои лалмии аз бориш нимтаъмин фосилаи байни қаторҳои офтобпараст бояд 60 см бошанд.

Муҳлати кишти асосии офтобпараст дар минтакаҳои водии Хатлон охири моҳи март, аввали моҳи апрел ва дар водии Ҳисор ва вилояти Суғд аз аввали моҳи апрел сар мешавад. Дар заминҳои обӣ офтобпарастро баъд аз ҷамъоварии зироатҳои ғалладонагии тирамоҳӣ ва сабзавотҳои барвақтӣ дар моҳҳои июн-июл низ кишт намудан мумкин аст.

## ТАЙЁР НАМУДАНИ ЗАМИН

Аз гузаронидани шудгори тирамоҳӣ дар чуқурии 26-28 см ва дар аввали баҳор пеш аз кишт дар чуқурии 7-8 см бо сихмола, нарм кардан лозим аст.



## ТАЙЁР НАМУДАНИ ТУХМӢ

Барои кишт тухмиҳои навъи 1-2-и ба талаботи ягонаи давлатӣ ҷавобгӯ истифода бурда мешаванд. Ба муқобили касалиҳои пӯсиши сафед ва хокистарранг, мағорзании тухмиҳо, пеш аз кишт ба воситаи ТМТД, 80% (2-3 кг/т + 5-10 литр об) заҳролуд карда мешаванд.

## КИШТ

Вобаста ба ҳаҷми (калонии) тухмиҳо ва хусусиятҳои навъӣ дар ҳар гектар аз 8 то 14 кг тухмӣ мекоранд. Дар заминҳои лалмии аз бориш таъмин бо усули васеъҷӯяки 60 сантиметра 8-10 кг/га, ва усулии васеъҷӯяки 45см-12кг/га тухмӣ мекоранд. Барои мӯҳлатҳои пеш аз зимистон меъёри кишти тухмӣ 10-15% зиёд карда мешавад. Барои кишт аз тухмипошакҳои дақиқкорандаи СУПН-8, СПЧ-6, СПЧ-6М истифода бурдан беҳтар аст. Ин тухмипошакҳо барои кам сарф шудани миқдори муайяни тухмиҳои ба коштан тарҳрезишуда ва дар чуқурии 5-6 см зери хок шудани онҳо имкон фароҳам меоваранд.




**Усули кишти офтобпараст**

## НИГОҲУБИН

### ПАРВАРИШ ВА НИГОҲУБИН (НУРИДИҲӢ)

Пеш аз шудгор барои парвариши офтобпарасти силосӣ дар заминҳои лалмӣ, 50-60 кг/га калий ва пеш аз нармкунии пешазкиштӣ 35-40 кг/га нитроген пошида мешавад. Бо меъёри 2-3 с/га пошидани поруи парран-даҳо ва хокистар низ тавсия мешавад.

**Меъёри солонаи истифодаи нурихои минералӣ барои нахуд аз ҳисоби вазни физикии нурӣ**

| № | Номгӯи нурӣ | Меъёри истифодабарӣ |
|---|---|---|
| 1 | Нитрогенӣ (селитраи аммоний) | 180кг/га |
| 2 | Фосфорӣ (суперфосфати муқаррарӣ ё оддӣ) | 280 кг/га |
| 3 | Аммофос | 88 кг/га |
| 4 | Калигӣ (сулфати калий) | 60 кг/га |
| 5 | Нурии органикӣ (маххалӣ) | 10-15 т/ га лалмӣ<br>20- 30 т/га обӣ |

## ШУДГОР

Дар давраи нашъунамои офтобпараст киштзор ду маротиба нарм ва хишова карда мешавад. Ҳангоми нармкунӣ ҳадди ҳимоявӣ бояд қатъиян риоя карда шавад.

Дар давраи 1-2–баргагии офтобпараст ягонакунӣ ба воситаи тухмипошакҳои ғаллагӣ аҳамияти калон дорад. Ягонакунӣ бо нармкунӣ (дар чуқурии 10-12 см) мутобиқ карда мешавад.

Ба муқобили алафҳои бегона пеш аз нармкунии пеш аз кишт истифодаи захрдоруҳои прометрин (2-4 кг/га), Трефлан (4-5 кг/га) ба воситаи дорупошакхо тавсия мешавад. Ба муқобили шаппараки марғзорӣ дар киштзорҳо, ба воситаи Анометрин, 50 фоиза э.к. (0.12 л/га) ё амбуш (0.25 л/га) коркард мегузаронанд.

## ҲОСИЛҶАМКУНӢ

Офтобпарасти силосӣ ба воситаи комбайнҳо дар давраи пурра гулкунии сабадчаҳо ғундошта мешавад. Дар ин давра бештар ҳосили баргу пояи сабз ғундошта шуда, дар онҳо таносуби ангиштобу сафедаҳо муносиб мешаванд. Офтобпарасти тухмӣ ҳангоми 90% зард шудани сабадчаҳо ба воситаи комбайнҳои ғалладаравии СК-5 «Нива», ки бо олоти ПСП-1.5 мутобиқ карда шудаанд, даравида мешавад.

## КАСАЛИҲО ВА ХАШАРОТҲО

**Истифодабарии воситаи ҳифзи растаниҳо дар зироати офтобпараст**

| Гербитсидҳо - захрдоруҳо мубориза бар зидди алафҳои бегона | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Ҳамаи алафҳои бегона |
| Номгӯи пеститсид | Раондап 36% |
| Меъёри сарфаи захрдору | 2.0-3.0 л/га |
| Мухлати коркард | Аз 2-5 руз то кишт |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Яксолаи дупалагӣ |
| Номгӯи пеститсид | Гоал 24 % |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.8-1.0 л/га |
| Мухлати коркард | То сабзаи барвақтаи зироатҳо |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зараррасон | Яксолаи дупаллагӣ ва хушагӣ |
| Номгӯи пеститсид | Гезагард-50 % |
| Меъёри сарфаи захрдору | 2-4кг/га |
| Мухлати коркард | То кишт як вақта бо кишт ё сабзаи барвақта |

| Фунгитсидҳо – захрдоруҳо мубориза бар зидди касалии растаниҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зарарасон | |
| Номгӯи пеститсид | Олтингугирди хока Сулфур 80 % |
| Меъёри сарфаи захрдору | 15-30 кг/га |
| Мухлати коркард | Пошидан дар давраи нашъунамо бо пайдошавии нишо-наҳои авалини касалӣ |

| Захрдоруҳо барои коркарди бинои амборҳо | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи раррасон | Захиараи ҳашаротҳо<br>Бинои амборҳои маҳсулот надаровварда |
| Номгӯи пеститсид | Фостак |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.4 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 200 мл, маҳлули кори ба 1м$^2$. даромадани одамон,даровардани бор ба амбор баъди 72 соати коркард |

| | |
|---|---|
| Бар зидди кадом мавзеи зарарасон | Захираи ҳашаротҳо<br>Ҳудуди назди амбор |
| Номгӯи пеститсид | Каратэ |
| Меъёри сарфаи захрдору | 0.8 мл/м$^2$ |
| Мухлати коркард | Коркард бо усули намноки, 400мл, маҳлули корӣ ба 1м$^2$ |

PIAS
The Project for Improvement of Agricultural Extension Service through Reinforcing Agrarian Organization in Republic of Tajikistan
Суроға:
тел: (+992 37) 221 44 03
ш. Душанбе, х.Рудаки 44,
ошёнаи 4-уми бинои Вазорати кишоварзии ҶТ

Институти боғпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 21А,
тел.: 227 08 01
E-mail: bogparvar@mail.ru

Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур,
Суроға: ш.Душанбе, х.Рудаки 146,
тел.: 2246167, 2247198